# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6Д.КОА-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба рисолаи Раҳимзода Файзимо Гурез дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташкили бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пешниҳод шудааст

1. Муҳимияти таҳқиқоти мазкур дар он аст, маводи диссертатсия ҳамчун василаи таъминоти методӣ дар раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакон дар фаъолияти бозиҳо нишон дода шудааст. Маънавиёт ва ахлоқ арзишҳои умумибашарии инсонӣ буда, талаботи абадӣ нисбат ба соддатарин шаклҳои муносибатҳои байни одамону қоидаҳои мавҷудият, ки дар тӯли ҳазорсолаҳои тамаддун тахия ва санҷида шудаанд, инъикос мекунанд. Новобаста аз шакли давлатдорӣ ва давлатсозӣ тарбияи маънавӣ-ахлоқии насли наврас ва ҷавонон, ки заминаи он дар айёми хӯрдсолӣ гузошта мешавад, муҳим арзёбӣ мегардад. Маводи диссертатсия метавонад ташкили бозиҳоро дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ дар асоси тарҳи пешниҳодшуда таъмин намояд.

Диссертатсия мутобиқи талаботи Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ба анҷом расонида шудааст.

Кор дар шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандартҳо, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шуда, бо протоколи №9 аз 08.11.2023 барои ҳимоя тавсия шудааст.

Хулосаи шуъба баҳои мусбии воқеию ҳамаҷонибаи диссертатсияро дар бар гирифтааст.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 60 Тартиби додани унвонҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар кори диссертатсия консепсияи интихоби оптималии усулҳои муосир дар раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакон дар фаъолияти бозиҳо дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ ба миён гузошта шудааст. Ин имкон медиҳад, ки алоқаи байни мақсад, вазифаҳо, мазмун, шаклҳои ташкили таълим ва усулҳои таълим муайян карда шавад.

Аз натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд педагогҳо ва мураббиёни муассисаҳои таълимии томактабӣ дар фаъолияти худ баҳри беҳтару хубтар ба роҳ мондани машғулиятҳои бозиҳо барои ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакон истифода намоянд. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд манбаи боэътимод баҳри баланд бардоштани савияи касбии кормандони муассисаҳои томактабӣ, такмили ихтисоси кадрҳои педагогӣ ва он шахсоне, ки ба корҳои илмӣ машғул мебошанд, гарданд.

3. Мавзуъ, мундариҷа ва муҳтавои диссертатсияи Раҳимзода Файзимо Гурез дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташкили бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ» ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия 13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ, аз ҷумла ба банди 1 - Назария, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ ва банди 11 - Коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки тарбия ва таълими кӯдакон мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ ва банди 13 - Фаъолияти инноватсионӣ ва таҷрибавию озмоишӣ ҳамчун манбаи рушди назария ва методикаи тарбияи томактабӣ, ҳамчунин ба Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дараҷаи илмӣ дода мешавад (қарори Раёсати КОА назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2017, №5/2 мутобиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ, хулосаҳо ва муқаррароти диссертатсия дар 10 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 4-тоаш дар маҷаллаҳои тавсияшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия нашр шудаанд. Шумораи маводи нашршуда дар нашрияҳои тавсияшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст.

5. Маводи дисертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

6. Диссертатсия ба талаботи банди 53 Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст. Он аз тарафи муаллиф мустакилона навишта шуда, натиҷаҳои нави илмӣ, нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшударо дарбар мегирад ва аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илм шаҳодат медиҳад.

7. Талаботи Низомнома дар бораи Шурои диссертатсиниро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи Раҳимзода Файзимо Гурез тавсия мекунад, ки:

а) диссертатсияи Раҳимзода Файзимо Гурез дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташкили бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ» барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

б) ба сифати муассисаи пешбар:

**- Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

в) ба ҳайси муқарризони расмӣ:

- **Сабурӣ Хайрулло Мирзозода** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”

- **Обидова Мунира Иброҳимовна** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва муносибатҳои оилавии факултети психологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таъин карда шаванд.

8. Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

9. Нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ Гулмадов Ф.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Рамазонова Р.С.

номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Ҷонмаҳмадова Г.Ш.

18.02.2025

Имзои Гулмадов Ф., Рамазонова Р.С., Ҷонмаҳмадова Г.Ш.-ро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.